## Хулосаи

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Кабиров Самариддин Ҷумахонович дар мавзӯи «Ташаккулёбӣ ва истифодаи даромади буҷети хонаводаи аҳолии деҳот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – молия, муомилоти пул ва қарз.

1.Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Кабиров С.Ҷ. «Ташаккулёбӣ ва истифодаи даромади буҷети хонаводаи аҳолии деҳот» натиҷаи тадқиқоти шахсии аспирант ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

2.Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Рисолаи илмӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагонии мардум дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Рисолаи илмӣ аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

3.Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.10 – молия, муомилоти пул ва қарз, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми апрели соли 2017, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз

рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4.Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия (бо ҳаҷми умумии 9 ҷузъи чопӣ) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5.Дар таҳқиқоти рисолаи илмӣ Кабиров С.Ҷ.. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳанд.

6.Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Кабиров С.Ҷ. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

Рисолаи илмӣ Кабиров Самариддин Ҷумахонович дар мавзӯи «Ташаккулёбӣ ва истифодаи даромади буҷети хонаводаи аҳолии деҳот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – молия, муомилоти пул ва қарз ба Шӯрои

диссертатсионии 6D.KOA-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

1. Муқарризони расмӣ аз рӯйи рисолаи илмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Қодирзода Диловар Баҳриддин - д.и.и., профессор, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Нурализода Амрулло Нарзуллоевич - н.и.и., дотсент, муовини яккум оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тайин карда шаванд.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКҶТ таъин карда шавад

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Ғаниев Т.Б.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Файзуллоев М.Қ.

доктори илмҳои иқтисодӣ профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Улуғхоҷаева Х.Р.